ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи "Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Дар замони муосир, ки бо вусъати шадиди ҷаҳонишавӣ ва рушди бесобиқаи технологияҳои иттилоотӣ пеш меравад, ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва иттилоотиву рақамии насли ҷавон аҳамияти стратегӣ пайдо мекунад. Шабакаи ҷаҳонии интернет, ҳамчун майдони азими иттилоотӣ, таъсири назаррасе ба ҷаҳонбинии насли наврасу ҷавон мерасонад ва метавонад ҳам арзишҳои мусбат ва ҳам манфиро паҳн кунад. Аз ин лиҳоз, вазифаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

Дар ин росто, муаллифи диссертатсия хеле дуруст таъкид кардааст, ки салоҳиятҳои асосӣ заминаи беназири шахсро ташкил медиҳанд, ки самараи таҳсилот аз он вобаста аст. Рушди салоҳиятҳо барои хонандагони синфҳои болоӣ муҳим буда, барои фаъолияти ояндаи онҳо замина мегузорад. Аз ин рӯ, омӯзгор бояд ба рушди салоҳиятҳои асосӣ диққати ҷиддӣ диҳад.

Таҳқиқоти сотсиологие, ки унвонҷӯ миёни омӯзгорон гузаронидааст, аз он далолат мекунад, ки аксари омӯзгорон ба рушди салоҳиятҳо аҳамият медиҳанд ва аксаран бар он ақидаанд, ки истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) барои ташкили муассири салоҳиятҳои асосӣ зарур аст.

Довталаби дараҷаи илмӣ иброз намудааст, ки истифодаи интернет дастрасии осон ба маълумотро таъмин карда, муоширатро тақвият медиҳад ва равандҳоро худкора мегардонад. Дар баробари ин, мушкилоти марбут ба киберамният, омӯзиши доимии кормандон ва дастрасӣ ба интернет низ вуҷуд доранд. Бо вуҷуди ин, ҳамгироии ТИК ба чараёнҳои корӣ аён аст ва барои ҳамаи иштирокчиёни бозори меҳнат муҳим аст, ки ба ин тағйирот мутобиқ шаванд.

Бо дарназардошти аҳамияти афзояндаи салоҳиятҳои рақамӣ, масъалаи таъмини амнияти киберӣ ва ҳифзи маълумоти шахсӣ дар фазои маҷозӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Тавре ки дар Консепсияи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи амнияти иттилоотӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2013, №542) зикр шудааст, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон дар фазои иттилоотӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар ин соҳа мебошад.

Дар айни замон, муаллифи диссертатсия дуруст қайд мекунад, ки омӯзиши доимии кормандон дар соҳаи ТИК ва рушди салоҳиятҳои рақамӣ барои мутобиқ шудан ба тағйироти босуръати технологӣ муҳим аст. Тавре ки дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи

то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526) таъкид шудааст, яке аз ҳадафҳои асосӣ таъмини рушди устувори низоми маориф тавассути ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ва рақамӣ ба ҷараёни таълим мебошад.

Илова бар ин, муаллиф ба масъалаи дастрасӣ ба интернет ишора мекунад, ки он барои истифодаи пурраи имкониятҳои ТИК муҳим аст. Дар ин росто, Барномаи давлатии рушди соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2017, №612) ба васеъ намудани инфрасохтори телекоммуникатсионӣ ва таъмини дастрасии васеъ ба интернет барои ҳамаи шаҳрвандон нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар диссертатсия баррасишаванда, аз зарурати таҳия ва татбиқи барномаҳои маҷмӯӣ дар сатҳи давлатӣ, ки ба рушди салоҳиятҳои асосӣ ва рақамии насли ҷавон нигаронида шудаанд, шаҳодат медиҳад. Ин барномаҳо бояд масъалаҳои таъмини амнияти киберӣ, омӯзиши доимии кормандон ва дастрасӣ ба интернетро дар бар гиранд, то ки насли ҷавон ба талаботҳои замони муосир ҷавобгӯ бошад.

Дар умум, диссертатсияи Мисрализода Фирӯза дар рушди педагогикаи миллӣ саҳми арзишманд гузошта, ба масъалаҳои муҳимми ташаккули салоҳиятҳои асосӣ ва иттилоотию рақамии хонандагон бахшида шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар амалияи таълимӣ барои такмили раванди таълим ва тайёр кардани хонандагон ба ҳаёт дар ҷаҳони иттилоотӣ истифода шаванд.

Мулоҳизаву андешаҳои дар боло ироашуда аз мубрамии мавзуи диссертатсияи Мисрализода Ф. шаҳодат медиҳанд.

Амсилаи пешниҳодкардаи муаллифи диссертатсия дорои равишу воситаҳое мебошад, ки имкон медиҳад, ки дар хонандагон салоҳиятҳои асосӣ ва рақамӣ ташаккул ёфта, эҳтиром ба худ аз тарафи ҷомеа ва дигар одамон таъмин намоянд. Итминон дорем, ки татбиқи ин амсила дар амалияи таълимӣ ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон, ки минбаъд барои пешрафти ҷомеа саҳми арзанда мегузорад, мусоидат хоҳад кард.

Таҳлили васеъи натиҷаҳои бадастомада, ки эътимоднокии онҳоро таъмин мекунад, ба муаллифи диссертатсия имкон додааст, ки хулосаҳо ва тавсияҳои методии пешниҳодшударо аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок созад. Ин асосноккунӣ на танҳо ба далелҳои назариявӣ, балки ба таҷрибаи амалии корҳои озмоишӣ низ такя мекунад, ки ин эътибори хулосаҳоро боз ҳам баландтар бардоштааст.

Бо назардошти ҳамаи ҷанбаҳои таҳқиқот, фикр мекунем, ки довталаб ба мақсадҳои таҳқиқот комёб шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузоштаро пурра ҳаллу фасл кардааст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқот мукаммал ва ҷавобгӯ ба талаботи илмӣ мебошад.

Автореферати диссертатсия ба талаботи пешниҳодшуда ҷавобгӯ буда, моҳияти рисолаи диссертатсиониро ба таври мухтасар, дақиқ ва мушаххас инъикос намуда, имконият медиҳад, ки хонанда бо мазмуни таҳқиқот шинос шуда, оид ба саҳми илмии он тасаввуроти комил ҳосил намояд.

Ҳамзамон, мақолаҳои муаллифи рисола, ки дар нашрияҳои тақризшаванда ба табъ расидаанд, мундариҷаи таҳқиқотро пурра ифода намуда, далели эътирофи арзишмандонаи он аз ҷониби ҷомеаи илмӣ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи Мисрализода Фирӯза Назримад дар мавзуи “Технологияҳои муосири рушди салоҳиятҳои асосии хонандагони синфҳои болоӣ тавассути воситаҳои технологияҳои рақамӣ” ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
директори Маркази ҷумҳуриявии
таълимию методии назди Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. Каримзода

02.02.2026

Маълумот барои тамос:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи А. Дониш 50,
Тел.: +992 (93) 8039392. E-mail: shavkatnormatov@mail.ru.

*“Имзои Шавкат Каримзодаро тасдиқ мекунам*
Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
МҶТМ ВМИ ҶТ Ҷумазода Ҷ.